**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав д.и.и., профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
____________________
«02» ____12____ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши масъалаи такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ки он бо як қатор барномаву стратегияҳои дар ин самт қабулгардида алоқамандии бевосита дорад.

Дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ бо назардошти ҳифзи муҳити атроф яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Иҷрои вазифаи мазкур рушди тамоми соҳаҳои сохтори иқтисодии мамлакатро металабад, ки инфрасохтори нақлиётии кишвар барои онҳо шароити умумӣ ва зарурӣ фароҳам меоварад.

Дар баробари аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадани мамлакат ташаккулу рушди нақлиётии мамлакат ҳамчун системаи комил сурат гирифта, барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон заминаҳои зарурӣ фароҳам меоварад. Инфрасохтори нақлиётии мамлакат ба худ сифати системаи мураккабу динамикиро касб намудааст, ки мутобиқан такмили механизмҳои мавҷуда ва коркарди механизмҳои нави идоракунии онро тақозо менамояд. Дар ин раванд ташкили шароити зарурӣ барои рушди баробару фаъолияти

инфрасохтори нақлиётӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат ва бартарафсозии монеаҳои мавҷуда дар роҳи рушди он таҳияи стратегияи идоракунии миёнамуҳлат ва дарозмуддатро металабад. Системаи идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар бояд барои таъмини такрористеҳсолоти мунтазами ҷамъиятӣ шароити умумии зарурӣ фароҳам оварад ва истифодаи самараноки тамоми захираҳои истеҳсолии кишварро кафолат диҳад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Ҳангоми омӯзиши идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар дар баробари истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин соҳа, хусусиятҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоии рушди кишвар ҳамчун кишвари кӯҳӣ, инчунин зарурати баназаргирии хусусияту муносибатҳои бозорӣ ва ҳолати заминаи моддию техникии комплекси нақлиётии мамлакат пеш меояд.

Масъалаҳои ояндаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ, тамоюли рушди устувори он ва пайваст шудан бо шоҳроҳҳои ҷаҳон дар асарҳои таҳқиқотии олимони соҳа инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои ба шакли муайян даровардани соҳаҳои гуногуни инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ҳамчун механизми идоракунии рушди ин соҳаи фаъолият, муаммоҳои асосии инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳои ҳалли он, хусусиятҳои дигаргунсозии сохтории инфрасохтори нақлиётӣ ва ғайраҳо мавриди таҳқиқи васеи олимон қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки бисёр масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва методии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун системаи мураккабу динамикӣ нокифоя омӯхта шудаанд, ки дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди бозории мамлакат дарки илмии нав ва рушди он талаб карда мешаванд. Нақши афзояндаи инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити гузариши Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд ва таъмину эҳёи устувори иқтисодӣ, зарурати васеъ намудани миқёси таҳқиқоти илмӣ, муайян кардани роҳҳои ҳалли масъалаҳои марбут ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар саросари кишвар ва минтақаҳои вай мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои идоракунии самарабахши рушди фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ, инчунин мавҷуд набудани усулҳои ягонаи методӣ барои таҳлили ин система, интихоби мавзӯъ, таҳияи ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян карданд. Саҳми арзандаи муаллиф дар омӯзиши ин масъала дар он ифода меёбад, ки ӯ дар заминаи таҳлили инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти такмилёбӣ ва дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётии кишварро баррасӣ намуда, вобаста ба ҳалли масъалаҳои мазкур хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар асоси таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқшаванда навгониҳои зерин ҳосил гардидаанд, ки дорои саҳеҳияти баланд мебошанд:

-механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат барои рушди самараноки иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар шароитҳои умумии зарурӣ фароҳам меорад, аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок карда шудааст; мушахас карда шудааст, ки системаи идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ, аз як тараф чун қисмати инфрасохтори хоҷагии халқ ва аз ҷониби дигар, ҳамчун қисмати ташкилии серсоҳа – комплекси нақлиётӣ баррасӣ мегардад; барои идоракунии самараноки инфрасохтори нақлиёт, сохторбандӣ ва гурӯҳбандӣ шудаанд, ки бар асоси таҳқиқоти гуногуни мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар пояи меъёрҳои мухталиф иҷро гардидаанд;

-нишон дода шудааст, ки механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ вобаста ба гуногуншаклии моликият дар соҳа хусусиятҳои хосро гирифтаанд ва муносибатҳои бозорӣ байни ташкилоти инфрасохтори нақлиётӣ ва мизоҷон бо такя ба принсипҳои бозорӣ ба роҳ монда мешаванд; таҳқиқот нишон дод, ки корхонаҳои инфрасохтори нақлиётӣ нисбат ба дигар корхонаҳои иқтисодӣ зудтар рушд меёбанд. Чунин рушди суръатноки инфрасохтори нақлиётӣ барои қонеъ кардани талаботи соҳибкорӣ ба хизматрасониҳои босифат зарур аст. Ин ба зиёд шудани ҳаҷми боркашонӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодӣ суръат мебахшад ва фаъолияти корхонаҳоро самаранoктар мегардонад;

-ҷанбаҳои муҳими рушди инфрасохтори нақлиётӣ муайян карда шудааст. Сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои байналмилалии автомобилӣ, ки минтақаҳои кишварро бо ҳам пайваст мекунанд ва яке аз намудҳои асосии нақлиёт ба ҳисоб мераванд, дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ нақши калидӣ мебозанд. Аниқ карда шудааст, ки дар натиҷаи таъсири омилҳо ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ натиҷагирии кори нақлиёт баланд шуда, ба динамикаи афзоиши иқтисодиёти кишвар ва рушди натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат шароити зарурӣ фароҳам меоранд;

-муқаррар карда шудааст, ки суръат гирифтани ҳамгироии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо системаи ягонаи нақлиётии мамлакат ҷараёни тезонидани интиқоли молҳоро дар сохтори иқтисодии кишвар таъмин мекунад; исбот карда шудааст, ки рушди муваффақонаи системаи нақлиётӣ ба самаранокии идоракунии он вобаста аст. Агар инфрасохтори нақлиётӣ ба таври самаранок идора карда шавад, рақобатпазирии он зиёд мешавад, истифодаи имкониятҳои транзитӣ самаранoктар мегарданд ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи нақлиёт таъмин мешавад;

-нақши механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ асоснок шудааст: механизмҳои хуби идоракунӣ ба корхонаҳои нақлиётӣ кумак мекунанд, ки рақобатпазирии худро зиёд намуда, хизматрасониҳои босифат пешниҳод шаванд ва дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ мавқеи устувор пайдо намоянд; самтҳои стратегии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат муайян карда шудаанд;

-консепсияи шарикии давлативу хусусӣ (ШДХ) дар идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар таҳия шудааст: ШДХ ҳамчун як абзори иқтисодиву ташкилӣ дида мешавад, ки ба таври самаранок идора кардани рушди инфрасохтори нақлиётии кишварро имкон медиҳад; зарурати истифодаи ШДХ нишон дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифдар раванди омӯзиши мавзуъ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди таҳлил қарор дода, дар заминаи омӯзиши онҳо заминаҳои рушду инкишофи инфрасохтори нақлиётиро нишон додааст. Аҳамияти назариявии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки он дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ифода ёфта, пеш аз ҳама ба асосноккунии назариявӣ ва амалии вазифаҳои мубрам дар соҳаи иқтисодиёти кишвар равона карда шудаанд. Онҳо метавонанд ҳамчун маводи аввалия барои таҳқиқоти минбаъда, ки ба такмили идоракунии рушди системаҳои мамлакат дар маҷмӯъ нигаронида шудаанд, истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз истифодашавии методикаи пешниҳодшудаи арзёбии таъсири механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии ҶТ ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат барои асосноккунии самтҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар иборат аст. Инчунин натиҷаҳои илмии таҳқиқотро дар таълими фанҳои “Иқтисодиёти нақлиёт”, “Менеҷмент дар нақлиёт”, “Менеҷменти стратегӣ”, “Ташкил ва идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ”, “Иқтисоди минтақавӣ” ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҶТ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ анҷом дода шудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок гардидаанд. Инчунин дар раванди омӯзиши ин масъала муаллиф методҳои илмии мувофиқро истифода намудааст. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсияи Наҷмуддинов Н.А. бо методҳои истифоданамудаи ӯ асоснок гардидаанд. Ғайр аз ин, дар раванди таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи олам низ ба инобат гирифта шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд. Диссертатсия ва интишороти илмии муаллиф бо

риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия шуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертатсия мустақилона анҷом дода шуда, дар асоси натиҷаҳои илмии ҳосилгардида мақолаҳои илмӣ ба чоп расидаанд. Ғайр аз ин, унвонҷӯ дар якчанд конференсияҳои илмӣ ширкат варзида, аз рӯйи мавзӯи таҳқиқотиаш маърӯза ва баромад намудааст.

Дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва муҳимияти он, мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи консепсияи идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ, таркиб ва таснифи унсурҳои он, нишонаҳо ва меъёрҳо барои ҳамкорӣ бо соҳаҳои дигари иқтисодиёти кишвар, такмили асосҳои консептуалии идоракунии рушди стратегии инфрасохтори нақлиётӣ саҳми худро гузошта, хулоса, пешниҳодоти илмиро ба даст овардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертатсия мустақилона навишта шуда, он натиҷаҳои илмиеро дарбар мегирад, ки дастовардҳои шахсии Наҷмуддинов Н.А. ба ҳисоб меравconfigured. Иқтибосҳои зарурӣ ба манбаъҳои библиографӣ ва корҳои бевоситаи худи муаллиф дар диссертатсия инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 9,5 ҷ.ч., аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Дар муқаддима асосноккунии илмии масъала ва зарурати мубрамии мавзуи таҳқиқот зикр гардида, сатҳи таҳияшавии он дар фазаи илми муосир нишон дода шудааст. Ҳамзамон ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, объекти таҳқиқ ва мавзуи мустақими он ба таври равшан шарҳ дода шудааст.

Дар ҳамин қисмат фарзия (гипотеза)-и илмие, ки таҳқиқот дар он асос ёфтааст, пешниҳод гардида, равишҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин манбаъҳои иттилоотӣ тавсиф ва асоснок карда шудаанд. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада, инчунин навовариҳои илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот таъкид гардидаанд. Илова бар ин, далелҳои воқеӣ ва маълумоти муқоисавӣ, ки хулосаҳои таҳқиқотро тасдиқ мекунанд, оварда шудаанд.

Ҳамчунин рӯйхати мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар асоси маводи диссертатсия нашр шудаанд, сохтори умумии кори диссертатсионӣ дар охири муқаддима ё дар қисми алоҳидаи кор ҷой дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии ин соҳа баррасӣ шудаанд. Консепсияҳо, равишҳо ва принсипҳои асосие, ки дар асоси онҳо рушди самараноки инфрасохтори нақлиётӣ таъмин мегардад, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамчунин моҳияти инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун объекти идоракунӣ ва таҷрибаи идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ дар кишварҳои рушдёфта таҳлил карда шудааст.

Дар боби дуюм муаллиф зикр мекунад, ки рушди системаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии кишвар маҳсуб меёбад. Ташкили инфрасохтори муосир, ки ба таври динамикӣ, устувор ва мутавозин рушд намояд, шарти муҳими ташаккули иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, соҳаи нақлиёт ба як системаи омехта табдил меёбад, ки дар он шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ ҳамзамон амал мекунанд. Ин ҳолат ташкили муносибатҳои иқтисодиро дар соҳаи нақлиёт миёни ташкилоти нақлиётӣ ва муштариёни онҳо дар асоси принсипҳои бозорӣ талаб мекунад.

Дар боби сеюми диссертатсия роҳҳои беҳтарсозии идоракунии инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он аҳамияти истифодаи равишҳои стратегӣ барои рушди инфрасохтор асоснок карда шуда, инчунин зарурати такмил додани механизмҳои ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ барои банақшагирӣ, сохтмон ва истифодаи самараноки иншооти инфрасохторӣ таъкид гардидааст.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисора, муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, феҳристи адабиёт иборат аз 124 номгӯи маводи истифодашуда таркиб ёфтааст. Ҳаҷми диссертатсия 216 саҳифаро ташкил дода, фарогири 10 ҷадвал, 6 расм ва 2 замима мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарачаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Начмуддинов Назархоча Акбарович ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодоти ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти чузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои чойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсия дар тақризи мазкур чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар қисмати аввали диссертатсия дар сатҳи зарурӣ асосҳои назариявии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Илова бар ин беҳтар мешуд, хусусиятҳо ва масоили (проблемаҳои) идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити имрӯзаи Чумҳурии Точикистон мавриди омӯзиш қарор дода мешуд.

2. Дар қисмати таҳлилии диссертатсия саҳми муаллиф баръало зоҳир гардидааст. Аммо ба ғайр аз нақлиёти автомобилӣ дигар намудҳои нақлиёт мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

3. Боби 2, зербоби 2.2, омилҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, хуб мешуд агар муаллиф диққати чиддии хешро омилҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ равона намуда, онҳоро дар расми алоҳида бо алоқамандии байни якдигариашон нишон медод. Инчунин дар зербоби мазкур маълумот дар борраи роҳҳои автомбилгард оварда шудааст, ки ин метавонад дар зербои 2.1 чой дошта бошад.

4. Дар боби 3-юм роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Чумҳурии Точикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Расмҳои (3.1.1, 3.1.2, 3.2.1 ва 3.2.2), ки дар боби мазкур оварда шудаанд, таҳияи муаллиф буданд ё манбаи истифода маълум мегардид беҳтар мешуд. Инчунин дар расми 3.1.1. ибораи SWOT нодуруст навишта шуда, дар баъзе аз саҳифаҳо бо ҳарфҳои точикӣ навишта шудааст.

5. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дида мешавад.

Ба ақидаи мо эроду тавсияҳои зикршуда, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Н. Начмиддиноврo коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итимомрасида аст ва мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори фалсафа (Phd), мудири кафедраи назарияи иқтисод Шамсов Ҷумъахон Исоевич, номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Нурмаҳмат Шарифович ва номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ашуров Носир Амонқулович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №5 аз 2-уми декабри соли 2025). Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори фалсафа (Phd), аз рйи ихтисоси
6 Д050600-Иқтисодиёт (6 Д050606-иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ)
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Шамсов Ҷ.И.

**Эксперт:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Ашуров Н.А.

номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Холов Н.Ш.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номазади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Расулзода Д.Б.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.
**Телефон:** (832-22) 2-23-64

E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj, nosir-85@mail.ru

Имзоҳои доктори фалсафа (Phd) Шамсов Ҷ.И., н.и.и., Ашуров Н.А., н.и.т., Холов Н.Ш. ва н.и.и. дотсент Расулзода Д.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
"___" _______ соли 2025